ки дар инҷо $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \leq \infty$, $0 < nh \leq 3\pi/4$, $\varphi(t) \geq 0$ — функсияи вазнии дар порчаи $[0, h]$ додашуда, $\Omega_m\big(f^{(r)}, t\big)$ аз руи баробарии (7) муайян карда мешавад.

Дар кори[25] исбот карда шудааст, ки агар $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \leq 2$, $0 < h < \pi/n$, φ — функсияи вазнии дар порчаи $[0, h]$ додашуда бошад, он гоҳ нобаробарии дучандаи

$$\left\{ \mathscr{B}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi) \right\}^{-1} \leq \mathscr{K}_{m,n,r,p}(\varphi, h) \leq \left\{ \inf_{n \leq k < \infty} \mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) \right\}^{-1} \tag{12}$$

[22] Руновский К.В. О приближении семействами линейных полиномиальных операторов в пространствах $L_p, 0 < p < 1$ // Матем. сборник. 1994. Т.185., №8. С.81-102.

[23] Стороженко Э.А., Кротов В.Г., Освальд П. Прямые и обратные теоремы типа Джексона в пространствах $L_p, 0 < p < 1$ // Матем. сборник. 1975. Т.98(140), №3(11). С.395-415.

[24] Вакарчук С.Б., Шабозов М.Ш., Забутная В.И. Структурные характеристики функций из L_2 и точные значения поперечников некоторых функциональных классов // Укр. мат. вестник. 2014. Т.11, №3. С.417-441.

[25] Vakarchuk S.B., Shabozov M.Sh., Zabutna V.I. Structural characteristics of functions from L_2 and the exact values of widths of some functional classes // Journal of Mathematical Sciences. 2015. Vol.206, №1. PP.97-114.

ҷой дорад, ки дар ин ҷо

$$\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) = \left(k^{rp} \int_0^h \left(1 - \operatorname{sinc} \mathrm{kt}\right)^{mp/2} \varphi(t) dt\right)^{1/p}. \tag{13}$$

Барои ҳамин муайян намудани шартҳое лозим мешавад, ки ҳангоми иҷрошавии онҳо баробарии зерин ҷой дорад:

$$\inf_{n \le k < \infty} \mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) = \mathscr{B}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi). \tag{14}$$

Дар он ҷо[25] исбот карда шудааст, ки агар функсияи вазнии $\varphi \in C^{(1)}[0,h]$ ва барои ҳаргуна $1/r < p \le 2$, $r \in \mathbb{N}$ ва $0 < t \le h$ нобаробарии дифференсиалии

$$(rp - 1)\varphi(t) - t\varphi'(t) \ge 0 \tag{15}$$

иҷро шавад, он гоҳ баробарии (14) ҷой дорад. Ошкор аст, ки синфи функсияҳои вазнӣ, ки нобаробарии (15) – ро қаноат мекунанд, бисёр танг аст ва бинобар ҳамин ин нобаробарӣ дар ҳолатҳои хеле кам истифода бурда мешавад.

Дар кори диссертатсионӣ баробарии (14) бе шарти дифференсиронидашавандагии функсияи вазнии $\varphi(t)$ барои ҳамаи қиматҳои $0 < p \le \infty$ исбот карда шудааст. Теоремаи умумии зерин ҷой дорад.

Теоремаи 1.1.1. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \le \infty$, $h \in (0, 3\pi/(4n)]$, φ — функсияи вазнӣ дар порчаи $[0,h]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад*

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p}(\varphi, h) = \left\{\int_0^h \left(1 - \operatorname{sinc} nt\right)^{mp/2} \varphi(t) dt\right\}^{-1/p}. \tag{16}$$

Натиҷаи 1.1.1. *Ҳангоми иҷрошавии шартҳои теоремаи 1.1.1 барои ҳаргуна $m, n \in \mathbb{N}$, $p = 2/m$, $h = \pi/(2n)$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $\varphi(t) = t$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-m} E_{n-1}(f)}{\left(\int_0^{\pi/(2n)} t\, \Omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, t\big) dt\right)^{m/2}} = \left\{\frac{4}{\pi^2 - 8}\right\}^{m/2}.$$

Натиҷаи 1.1.2. *Бигузор* $m,n\in\mathbb{N}, p=2/m, h=\pi/(2n), r\in\mathbb{Z}_+, r\ge m/2,$ $\varphi(t)\equiv 1$. *Он гоҳ аз* (16) *баробарии зерин мебарояд:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}n^{r-m/2}E_{n-1}(f)}{\left(\int\limits_0^{\pi/(2n)}\Omega_m^{2/m}\big(f^{(r)},t\big)dt\right)^{m/2}}=\left\{\left(\frac{\pi}{2}\right)-Si\left(\frac{\pi}{2}\right)\right\}^{-m/2},$$

ки дар ин ҷо $Si(u):=\int\limits_0^u sinc\,t\,dt$ *— синуси интегралӣ мебошад.*

Дар кори[26] бо мақсади умумӣ кардани баъзе натиҷаҳои Л.В.Тайков[9] характеристикаи экстремалии

$$\mathcal{L}_{n,m,r}(t):=\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{n^rE_{n-1}(f)}{\left(\omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)+n^2\int\limits_0^t(t-\tau)\omega_m^{2/m}\big(f^{(r)},\tau\big)d\tau\right)^{m/2}}$$

дохил карда шудаст, ки модули бефосилагии тартиби m-ум $\omega_m\big(f^{(r)},\tau\big)$ – ро на фақат дар дохили интеграли муайян, балки берун аз он низ дар бар мегирад. Дар он кор исбот карда шудааст, ки барои ҳаргуна $n,m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ ва ихтиёри $t\in(0,\pi/n]$ баробариҳои зерин ҷой доранд:

$$\mathcal{L}_{n,m,r}(t)=(nt)^{-m}. \tag{17}$$

Бинобар ин дохил намудани характеристикаи экстремалии мувофиқи $\mathscr{L}_{n,m,r}(t)$ ба мақсад мувофиқ мебошад, ки дар он ба ҷои модули бефосилагии тартиби m-ум $\omega_m(f^{(r)},t)$ модули бефосилагии умумикардашудаи $\Omega_m(f^{(r)},t)$ истифода бурда мешавад. Бо ин мақсад характеристикаи экстремалии зеринро дохил мекунем:

$$\mathscr{L}_{n,m,r}(t):=\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{n^rE_{n-1}(f)}{\left(\Omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)+\dfrac{n^2}{t}\int\limits_0^t\tau(t-\tau)\Omega_m^{2/m}\big(f^{(r)},\tau\big)d\tau\right)^{m/2}}. \tag{18}$$

Теоремаи зерин ҷой дорад.

[26]Вакарчук С.Б., Щитов А.Н. Наилучшие полиномиальные приближения в L_2 и поперечники некоторых классов функций // Укр. матем. журнал. 2004. Т.56, №11. С.1458-1466.

Теоремаи 1.2.1. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ бошанд. Он гоҳ барои ҳамаи ададҳои t, ки шарти $0 < t \leq 3\pi/(4n)$ – ро қаноат мекунанд, баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{L}_{n,m,r}(t) = \left(\frac{\sqrt{3}}{nt}\right)^m. \tag{19}$$

Натиҷаи теоремаи 1.2.1 ҳамчун натиҷаи паҳншуда ва умумикардашудаи яке аз натиҷаҳои маълуми С.Б.Вакарчук ва А.Н.Щитов[26], ки барои модули бефосилагии классикии тартиби m-ум, яъне барои $\omega_m\big(f^{(r)}, t\big)$ исбот карда шудааст, барои ҳолати модули бефосилагии умумикардашудаи $\Omega_m\big(f^{(r)}, t\big)$ аз функсияи $f \in L_2^{(r)}$ мебошад.

Аз теоремаи 1.2.1 натиҷаи зерин мебарояд.

Натиҷаи 1.2.1. *Ҳангоми иҷрошавии шартҳои теоремаи 1.2.1 барои ҳамаи қиматҳои $t \in (0, 3\pi/(4n)]$ нобаробарии зерин ҷой дорад:*

$$\left(\frac{\sqrt{3}}{nt}\right)^m \leq \sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{n^r E_{n-1}(f)}{\Omega_m(f^{(r)}, t)} \leq \left(\frac{\sqrt{3}}{nt}\right)^m \left(1 + \frac{(nt)^2}{6}\right)^{m/2}. \tag{20}$$

Дар ҳолати хусусӣ, аз (20) ҳангоми $t = \pi/(2n)$ барои доимии Ҷексон – Стечкин баҳои дутарафаи зерин мебарояд:

$$\left(\frac{2\sqrt{3}}{\pi}\right)^m \leq \sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{n^r E_{n-1}(f)}{\Omega_m(f^{(r)}, \pi/(2n))} \leq \left(\frac{2\sqrt{3}}{\pi}\right)^m \left(1 + \frac{\pi^2}{24}\right)^{m/2}. \tag{21}$$

Инчунин теоремаи зерин исбот карда шудааст.

Теоремаи 1.2.2. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < nh \leq \pi/2$. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{2^{m/2} n^r E_{n-1}(f)}{\left(\int\limits_0^h t\,\Omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t)dt\right)^{m/2}} = \left(\frac{h^2}{2} - \frac{1-\cos nh}{n^2}\right)^{-m/2}. \tag{22}$$

Бигузор X — ихтиёри фазои банахӣ бошад, $\mathfrak{M} \subset X$ — ягон синфи функсияҳо ва бигузор $L_n \subset X$ — ихтиёри зерфазои ченакаш додашудаи n бошад. Бузургии

$$E_n(\mathfrak{M})_X := E(\mathfrak{M}, L_n)_X = \sup\{E(f, L_n)_X : \ f \in \mathfrak{M}\} =$$

$$= \sup\Big\{\inf\Big\{\big\|f-g\big\|_X:\ g\in L_n\Big\}:\ f\in\mathfrak{M}\Big\} \tag{23}$$

наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳои $\mathfrak{M}$ аз руи зерфазои L_n-и ченакаш додашудаи n бошад. Бузургии (23) тамоили синфи $\mathfrak{M}$ аз зерфазои L_n-ро дар метрикаи фазои X тавсиф медиҳад.

Агар ба воситаи $\mathcal{L}(X, L_n)$ — маҷмуи ҳамаи операторҳои бефосилаи $A: X\to L_n$, ки аз фазои X ба ихтиёри зерфазои додашудаи $L_n\subset X$-и ченакаш n амал мекунад, он гоҳ масъалаи зерин пайдо мешавад: бузургии намуди

$$\mathcal{E}_n(\mathfrak{M})_X := \mathcal{E}(\mathfrak{M}, L_n)_X =$$

$$= \inf\Big\{\sup\Big\{\big\|f-Af\big\|_X:\ f\in\mathfrak{M}\Big\}:\ A\in\mathcal{L}(X, L_n)\Big\} \tag{24}$$

ёфта шавад ва оператори $A_*\subset\mathcal{L}(X, L_n)$ – ро нишон додан лозим аст, ки дар баробарии (24) сарҳади саҳеҳи поёниро доро мешавад, яъне

$$\mathcal{E}_n(\mathfrak{M})_X = \sup\Big\{\big\|f-A_*f\big\|_X:\ f\in\mathfrak{M}\Big\}.$$

Масъалаи (24)-ро инчунин ба маънои дигар дар шакли кутоҳтар дидан мумкин аст: сарҳади поёниро на аз руи маҷмуи $\mathcal{L}(X, L_n)$ операторҳои бефосилаи $A:\ X\to L_n$ ёфтан лозим аст, балки аз руи синфи чунин операторҳое ёфтан лозим, ки аз руи ин ё он тарзи додашавӣ муайян карда мешавад. Дар ҳолати хусусӣ, дар $\mathcal{L}(X, L_n)$ синфи операторҳои бефосилаи хаттӣ $A:\ X\to L_n$ – ро ҷудо кардан мумкин аст ва бузургии зерин дида баромада шавад:

$$\mathcal{E}_n(\mathfrak{M})_X := \mathcal{E}(\mathfrak{M}, L_n)_X =$$

$$= \inf\Big\{\sup\Big\{\big\|f-Af\big\|_X:\ f\in\mathfrak{M}\Big\}:\ A\subset\mathcal{L}(X, L_n)\Big\}. \tag{25}$$

Агар оператори $A^*:\ X\to L_n$ мавҷуд бошад, ки барояш сарҳади саҳеҳи болоӣ дар (25) ҷой дошта бошад, он гоҳ чунин оператор наздиккунии беҳтарини хаттиро дар масъалаи (25) муайян мекунад, яъне

$$\mathcal{E}_n(\mathfrak{M})_X = \sup\Big\{\big\|f-A^*f\big\|_X:\ f\in\mathfrak{M}\Big\}.$$

Агар дар $\mathcal{L}(X, L_n)$ синфи $\mathcal{L}^{\perp}(X, L_n)$ операторҳои A-и проексияи хаттӣ ба зерфазои L_n ҷудо кунем, яне чунин, ки $Af = f$ бо шарти $f\in L_n$ бошад, он гоҳ омӯхтани бузургии зерин қобили қабул аст:

$$\mathcal{E}_n^{\perp}(\mathfrak{M})_X := \mathcal{E}^{\perp}(\mathfrak{M}, L_n)_X =$$

$$= \inf \left\{ \sup \left\{ \left\| f - Af \right\|_X : \ f \in \mathfrak{M} \right\} : \ A \subset \mathcal{L}^{\perp}(X, L_n) \right\}. \tag{26}$$

Бо бузургиҳои (23) – (26) масъалаи ёфтани қимати n-қутрҳо барои синфи функсияҳои гуногуни $\mathfrak{M}$ вобаста мебошад.

Таърифи n-қутрҳоро меорем, ки қимати онҳоро барои синфҳои $\mathfrak{M}$ дар параграфҳои оянда ҳисоб мекунем.

n-қутр ба маънои А.Н.Колмогорови[27] синфи функсияҳои $\mathfrak{M}$ дар фазои X бузургии

$$d_n(\mathfrak{M}, X) = \inf \{E(\mathfrak{M}, L_n) : \ L_n \subset X\} \tag{27}$$

– ро меноманд, ки дар ин ҷо сарҳади саҳеҳи поёнӣ аз руи зерфазои ченакаш додашудаи n аз фазои X гирифта мешавад.

Дар асоси таърифи наздиккунии беҳтарини хаттӣ $\mathcal{E}(\mathfrak{M}, L_n)_X$ бузургии

$$\delta_n(\mathfrak{M}, X) = \inf \{\mathcal{E}(\mathfrak{M}, L_n)_X : \ L_n \subset X\} \tag{28}$$

– ро *n-қутри хаттии* синфи $\mathfrak{M}$ дар фазои X меноманд.

Айнан ҳамин тавр, таърифи бузургии (26)–ро ба инобат гирифта, *n-қутри хаттӣ*

$$\Pi_n(\mathfrak{M}, X) = \inf \left\{\mathcal{E}^{\perp}(\mathfrak{M}, L_n)_X : \ L_n \subset X\right\} \tag{29}$$

дида баромада мешавад.

Инчунини дигар ду бузургиҳои дигар дар назарияи наздиккунӣ бо номҳои *«n-қутри гелфандӣ» ва «n-қутри бернштейнӣ» маълуманд.*

Бигузор S — кураи воҳидӣ дар фазои X бошад, яъне

$$S = \{x \in X, \|x\|_X \le 1\}.$$

Бузургии

$$d^n(\mathfrak{M}, X) = \inf \{\inf \{\mathfrak{M} \cap L^n \subset \varepsilon S : \varepsilon > 0\} : \ L^n \subset X\}, \tag{30}$$

ки инфимуми берунӣ аз руи ҳамаи зерфазоҳои L^n ченакаш n гирифта мешавад, *n-қутри гелфандӣ* номида шуда, бузургии

$$b_n(\mathfrak{M}, X) = \sup \{\sup \{\varepsilon S \cap L_{n+1} \subset \mathfrak{M} : \ \varepsilon > 0\} : \ L_{n+1} \subset X\} \tag{31}$$

n-қутри бернштейнӣ номида мешавад.

[27]Kolmogoroff A.N. Über die besste Annäherung von Funktionen einer gegebenen Funktionklassen // Ann. of Math. 1936. V.37. P.107-110.

Ошкор аст, ки байни бузургиҳои (27) – (31) ифодаи зерин ҷой дорад:

$$b_n(\mathfrak{M},X)\le \begin{array}{c} d_n(\mathfrak{M},X)\\ d^n(\mathfrak{M},X)\end{array} \le \delta_n(\mathfrak{M},X)\le \Pi_n(\mathfrak{M},X).$$

Агар X — фазои гилбертӣ бошад, он гоҳ байни n-қутрҳои дар боло овардашуда нобаробарии зерин ҷой дорад[28,29]:

$$b_n(\mathfrak{M},X)\le d^n(\mathfrak{M},X)\le d_n(\mathfrak{M},X)=\delta_n(\mathfrak{M},X)=\Pi_n(\mathfrak{M},X). \tag{32}$$

Таърифи характеристикаи суфтагии $\Omega_m(f,t)$ – ро истифода бурда, синфи функсияҳои зеринро дида мебароем.

Бигузор $\Phi(t)$ $(t\ge 0)$ — функсияи бефосилаи афзуншаванда бошад, ки барояш $\Phi(0)=0$ аст. Онро дар оянда мажоранта меномем. Бо символи $W_{p,m}^{(r)}(\Phi):=W_p^{(r)}(\Omega_m,\Phi)$, ки $m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $0<p\le+\infty$ аст, маҷмуи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$ – ро ишора мекунем, ки барояшон барои ҳаргуна $t\in(0,2\pi]$ нобаробарии

$$\int\limits_0^t \Omega_m^p\big(f^{(r)},h\big)dh\le\Phi^p(t)$$

иҷро мегардад.

Бо $W_m^{(r)}(h):=W^{(r)}(\Omega_m,h)$ $(m\in\mathbb{N},\, r\in\mathbb{Z}_+)$ маҷмуи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$ – ро ишора мекунем, ки барояш барои ҳаргуна $h\in[0,2\pi]$ нобаробарии зерин иҷро мегардад:

$$\int\limits_0^h t\,\Omega_m^p\big(f^{(r)},t\big)dt\le 1.$$

Айнан ҳамин тавр синфи $\mathscr{F}_m^{(r)}(h):=\mathscr{F}^{(r)}(\Omega_m,h)$ функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ – ро дида мебароем, ки барои ҳамаи қиматҳои $h\in(0,3\pi/(4n)]$ шарти зеринро қаноат мекунанд:

$$\left\{\Omega_m^{2/m}(f^{(r)},h)+\frac{n^2}{h}\int\limits_0^h \tau(h-\tau)\Omega_m^{2/m}\big(f^{(r)},\tau\big)d\tau\right\}^{m/2}\le 1.$$

Инчунин гузориши зеринро дохил мекунем:

$$E_{n-1}\big(W_{p,m}^{(r)}(\Phi)\big):=\sup\Big\{E_{n-1}(f):\ f\in W_{p,m}^{(r)}(\Phi)\Big\}.$$

[28]Тихомиров В.М. Некоторые вопросы теории приближений. — М.: МГУ. 1976. 325 с.

[29]Pinkus A. n-Widths in Approximation Theory. — Berlin: Springer-Verlag. Heidelberg. New York, Tokyo. 1985. 252 p.

Мувофиқи корҳои[21,25], бо t_* бузургии аргументи t аз интервали $(0,\infty)$ функсияи $\operatorname{sinc} nt$ – ро ишора мекунем, ки барояш қимати хурдтаринро соҳиб мешавад. Ошкор аст, ки t_* хурдтарин аз решаҳои мусбати муодилаи намуди $t-\operatorname{tg} t=0$ $(4,49<t_*<4,51)$ мебошад. Бинобар ҳамин чунин гузоришро дохил мекунем:

$$\big(1-\operatorname{sinc} nt\big)_* := \begin{cases} 1-\operatorname{sinc} nt, & \text{если} \quad 0<t\le t_*, \\ 1-\operatorname{sinc} nt_*, & \text{если} \quad t\ge t_*. \end{cases} \tag{33}$$

Теоремаи 1.3.1. *Бигузор* $m,n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $0<p\le\infty$ *ва мажорантаи* Φ *барои ҳаргуна* $h\in[0,2\pi]$ *шарти*

$$\frac{\Phi(h)}{\Phi\big(\pi/(2n)\big)} \ge \left(\int\limits_0^h \big(1-\operatorname{sinc} nt\big)_*^{mp/2} dt\right)^{1/p} \left(\int\limits_0^{\pi/(2n)} \big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2} dt\right)^{-1/p} \tag{34}$$

– ро қаноат кунонад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:

$$\lambda_{2n}\big(W_{p,m}^{(r)}(\Phi),L_2\big)=\lambda_{2n-1}\big(W_{p,m}^{(r)}(\Phi),L_2\big)=E_{n-1}\big(W_{p,m}^{(r)}(\Phi)\big)=$$
$$=2^{-m/2}n^{-r}\left(\int\limits_0^{\pi/(2n)} \big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2} dt\right)^{-1/p} \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right), \tag{35}$$

ки дар ин ҷо $\lambda_n(\cdot)$ *— ихтиёри аз* n*-қутрҳои дар боло овардашуда мебошад. Ғайр аз ин маҷмуи мажорантҳо, ки шарти* (34) *– ро қаноат мекунанд, холӣ намебошад.*

Бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки функсияи $\Phi_*(t):=t^{\alpha/p}$, ки

$$\alpha := \frac{(\pi-2)^{mp/2}}{2\pi^{mp/2-1}\displaystyle\int\limits_0^{\pi/2}\big(1-\operatorname{sinc} h\big)^{mp/2} dh}, \tag{36}$$

аст, барои ҳаргуна $m,n\in\mathbb{N}$, $0<p\le\infty$ ва $t\in(0,2\pi]$ шарти (34) – ро қаноат мекунонад.

Аз теоремаи 1.3.1 натиҷаи зерин мебарояд:

Натиҷаи 1.3.1. *Ҳангоми иҷрошавии шартҳои теоремаи 1.3.1 барои ҳаргуна* $p=2/m$, $m\in\mathbb{N}$ *баробариҳои*

$$\lambda_{2n}\big(W^{(r)}_{2/m,m}(\Phi),L_2\big)=\lambda_{2n-1}\big(W^{(r)}_{2/m,m}(\Phi),L_2\big)=$$

$$=E_{n-1}\big(W^{(r)}_{2/m,m}(\Phi)\big)=\frac{1}{2^{m/2}n^{r-m/2}}\left\{\frac{\pi}{2}-Si\left(\frac{\pi}{2}\right)\right\}^{-m/2}\Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)$$

ҷой доранд, ки $\lambda_n(\cdot)$ — ихтиёри аз n-қутрҳои дар боло овардашуда мебошад.

Теоремаи 1.3.2. *Бигузор $m,n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$. Он гоҳ барои ҳаргуна қимати $h\in(0,3\pi/(4n)]$ баробариҳои*

$$\lambda_{2n}\big(\mathscr{F}^{(r)}_m(h),L_2\big)=\lambda_{2n-1}\big(\mathscr{F}^{(r)}_m(h),L_2\big)=E_{n-1}\big(\mathscr{F}^{(r)}_m(h)\big)=\left(\frac{\sqrt{3}}{nh}\right)^m\frac{1}{n^r}\qquad(37)$$

ҷой доранд, ки $\lambda_n(\cdot)$ — ихтиёри аз n-қутрҳои дар боло овардашуда мебошад.

Теоремаи 1.3.3. *Бигузор $m,n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $r>m$ бошад. Он гоҳ барои ҳамаи $h\in(0,\pi/n]$ баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\lambda_{2n}\big(W^{(r)}_m(h),L_2\big)=\lambda_{2n-1}\big(W^{(r)}_m(h),L_2\big)=$$

$$=E_{n-1}\big(W^{(r)}_m(h)\big)=\frac{1}{2^{m/2}n^r}\left(\frac{h^2}{2}-\frac{1-\cos nh}{n^2}\right)^{-m/2},\qquad(38)$$

ки $\lambda_n(\cdot)$ — ихтиёри аз n-қутрҳои дар боло овардашуда мебошад.

Дар ҳолати хусусӣ, аз баробарии (38), мебарояд, ки

$$\lambda_{2n}\left(W^{(r)}_m\Big(\frac{\pi}{2n}\Big),L_2\right)=\lambda_{2n-1}\left(W^{(r)}_m\Big(\frac{\pi}{2n}\Big),L_2\right)=$$

$$=E_{n-1}\left(W^{(r)}_m\Big(\frac{\pi}{2n}\Big)\right)=\left(\frac{4}{\pi^2-8}\right)^{m/2}\frac{1}{n^{r-m}}.$$

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ масъалаи экстремалии ёфтани сарҳади аниқи наздиккунии якҷояи беҳтарини полиномиалии баъзе синфи функсияҳои даврии дифференсиронидашаванда дида баромада мешавад, ки ба воситаи модули бефосилагии умумикардашудаи махсус (7) дар фазои L_2 тавсиф дода мешаванд. Азбаски барои ихтиёри функсияи $f\in L_2^{(r)}$, ($r\in\mathbb{Z}_+$, $L_2^{(0)}=L_2$), фақат ба истиснои худи функсия ва ҳосилаҳои тартиби r-уми он, ҳамаи ҳосилаҳои мобайнӣ $f^{(s)}$ ($s=1,2,\ldots,r-1$, $r\in\mathbb{N}$, $r\geq 2$) ба фазои L_2 тааллуқ доранд, он гоҳ омӯхтани татбиқи рафтори бузургии наздиккунии якҷояи беҳтарин $E_{n-1}(f^{(s)})$ дар синфи функсияҳои $L_2^{(r)}$ ё ки дар ягон зерсинфи функсияҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Аниқтараш талаб карда мешавад, ки қимати аниқи бузургии

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(\mathfrak{M}^{(r)}\big) := \sup\left\{E_{n-1}(f^{(s)}):\ f\in\mathfrak{M}^{(r)}\right\} \tag{39}$$

дар ягон синфи функсияҳои r-маротиба дифференсиронидашавандаи $\mathfrak{M}^{(r)} \subseteq L_2^{(r)}$ ёфта шавад.

Аз теоремаи 1.1.1 натиҷаи муҳимтарини зерин мебарояд, ки дар як вақт нисбат ба вай ҳамчун умумикардашуда мебошад.

Теоремаи 2.1.1. *Бигузор $m,n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$, $0<p\leq\infty$, $0<h\leq 3\pi/(4n)$, φ — функсияи вазнӣ дар $[0,h]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}n^{r-s}E_{n-1}(f^{(s)})}{\left(\int\limits_0^h\Omega_m^p\big(f^{(r)},t\big)\varphi(t)dt\right)^{1/p}} = \left\{\int\limits_0^h\big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}\varphi(t)dt\right\}^{-1/p}. \tag{40}$$

Ҳалли масъалаи экстремалии (3) – ро барои синфи функсияҳои $W_{p,m}^{(r)}(\Phi)$ меорем. Теоремаи зерин ҷой дорад.

Теоремаи 2.1.2. *Бигузор $m,n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$, $0<p\leq\infty$ ва мажорантаи Φ шарти зеринро қаноат кунонад:*

$$\frac{\Phi^p(h)}{\Phi^p\big(\pi/(2n)\big)}\geq\frac{\int\limits_0^h\big(1-\operatorname{sinc} nt\big)_*^{mp/2}dt}{\int\limits_0^{\pi/(2n)}\big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}dt}. \tag{41}$$

Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W_{p,m}^{(r)}(\Phi)\big) =$$

$$= 2^{-m/2}n^{-(r-s)}\left\{\int\limits_0^{\pi/(2n)}\big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}dt\right\}^{-1/p}\Phi\big(\pi/(2n)\big). \tag{42}$$

Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ ва $h \in (0, \pi/n]$ бошанд. Дар асоси ифодаи (18) характеристикаи экстремалии зеринро дохил мекунем:

$$\mathscr{L}_{n,m,r}^{(s)}(h) := \sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s} E_{n-1}(f^{(s)})}{\left(\Omega_m^{2/m}(f^{(r)}, h) + \dfrac{n^2}{h}\displaystyle\int_0^h \tau(h-\tau)\Omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, \tau\big)d\tau\right)^{m/2}}. \quad (43)$$

Теоремаи 2.2.1. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ ва $h \in (0, 3\pi/(4n)]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{L}_{n,m,r}^{(s)}(h) = \left(\frac{\sqrt{3}}{nh}\right)^m. \quad (44)$$

Теоремаи 2.2.2. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ ва $0 < h \leq 3\pi/(4n)$. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(\mathscr{F}_m^{(r)}(h)\big) = \left(\frac{\sqrt{3}}{nh}\right)^m \frac{1}{n^{r-s}}. \quad (45)$$

Дар ҳолати хусусӣ, аз (45) ҳангоми $h = \pi/(2n)$ будан, баробарии зерин мебарояд:

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\left(\mathscr{F}_m^{(r)}\left(\frac{\pi}{2n}\right)\right) = \left(\frac{2\sqrt{3}}{\pi}\right)^m \cdot \frac{1}{n^{r-s}}.$$

Дар асоси натиҷаи теоремаи 1.3.3 мо роҳи ҳалли масъалаи экстремалии (3)-ро барои синфи функсияҳои $W_m^{(r)}(h)$ пешниҳод мекунем.

Теоремаи 2.2.3. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $r \geq m+s$. Он гоҳ барои ҳамаи қиматҳои $h \in (0, \pi/n]$ баробарии*

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W_m^{(r)}(h)\big) = \frac{1}{2^{m/2}\, n^{r-s}} \left(\frac{h^2}{2} - \frac{1-\cos nh}{n^2}\right)^{-m/2} \quad (46)$$

ҷой дорад. Дар ҳолати хусусӣ, аз (46) меёбем:

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\left(W_m^{(r)}\left(\frac{\pi}{2n}\right)\right) = \left(\frac{4}{\pi^2-8}\right)^{m/2} \frac{1}{n^{r-(m+s)}}.$$

Хулоса

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ аз инҳо иборатанд:

- доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон – Стечкин байни наздиккунии беҳтарин ва модули бефосилагии умумикардашуда ёфта шудаанд [1-М, 2-М, 3-М, 4-М, 9-М];
- қимати n-қутрҳои синфи функсияҳо, ки ба воситаи модули бефосилагии бо вазн миёнакардашудаи тартиби олӣ аз ҳосилаи тартиби r-ум дода шудаанд, ҳисоб карда шудааст [2-М, 5-М, 6-М, 7-М, 8-М];
- сарҳадҳои болоии наздиккунии якҷояи беҳтарини баъзе синфи функсияҳо дар фазои L_2 ҳисоб карда шудааст [5-М, 8-М, 10-М, 11-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Натиҷаҳои дар рисолаи диссертатсионӣ гирифташуда арзиши назариявӣ дошта, усулҳо ва натиҷаҳои дар он овардашуда метавонанд барои ёфтани сарҳади аниқи болоии наздиккунии беҳтарини полиномиалии синфи функсияҳои бисёртағйирёбанда татбиқ карда шаванд. Бобҳои диссертатсияро дар алоҳидагӣ ҳангоми хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни курсҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз руи ихтисоси «Математика» истифода бурдан мумкин аст.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Мавлоназаров М.А. Точные значения поперечников некоторых функциональных классов в L_2 [Текст] / Г.А.Юсупов, М.А.Мавлоназаров // Доклады НАН Таджикистана. – 2021. – Т.64. – №11-12. – С.628-636.

[2-М] Мавлоназаров М.А. О совместном приближении периодических функций и её производных в L_2 [Текст] / Г.А.Юсупов, М.А.Мавлоназаров // Известия НАН Таджикистана. Отделение физ.-мат., хим., геол. и тех. наук. – 2022. – №3(188). – С.7-17.

[3-М] Мавлоназаров М.А. Некоторые точные неравенства между наилучшими приближениями и интегралами, содержащими специальные модули непрерывности [Текст] / М.А.Мавлоназаров // Доклады НАН Таджикистана. – 2022. – Т.65. – №5-6. – С.294-303.

[4-М] Мавлоназаров М.А. Некоторые точные неравенства между наилучшими приближениями и интегралами, содержащими специальные модули непрерывности в пространстве L_2 [Текст] / М.А.Мавлоназаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2022. – №4. – С.194-204.

[5-М] Мавлоназаров М.А. О среднеквадратических совместных приближениях 2π-периодических функций в L_2 [Текст] / Г.А.Юсупов, М.А.Мавлоназаров // Доклады НАН Таджикистана. – 2023. – Т.66. – №11-12. – С.642-649.

2. Дар дигар нашрияҳо:

[6-М] Мавлоназаров М.А. Совместное приближение периодических функций в гильбертовом пространстве L_2 [Текст] / М.А.Мавлоназаров // Материалы международной конференции «Современные проблемы теории чисел и математического анализа», посвящённой 80-летию со дня рождения доктора физ.-мат. наук, профессора Дододжона Исмоилова (г.Душанбе, 29-30 апреля 2022 г.). – С.130-134.

[7-М] Мавлоназаров М.А. О точных значениях неравенств наилучших приближений и интегралах, содержащих обобщенные модули непрерывности [Текст] / М.А.Мавлоназаров // Материалы международной научной конференции «Современные проблемы математического анализа и теории функций», посвящённой 70-летию академика НАН Таджикистана М.Ш.Шабозова (Душанбе, 24-25 июня 2022 г.). – С.85-91.

[8-М] Мавлоназаров М.А. Совместное приближение 2π-периодических функций и их производных в метрике L_2 [Текст] / Г.А.Юсупов, М.А.Мавлоназаров // Материалы республиканской научно-практической конференции «Актуальные проблемы и перспективы развития естественных и точных наук» (г.Душанбе, 28-29 октября 2022 г.). – С.76-79.

[9-М] Мавлоназаров М.А. Совместное полиномиальное приближение периодических функций и их производных [Текст] / М.А.Мавлоназаров // Сборник научных статей Международной научно-теоретической конференции на тему: «Развитие науки и образования в условиях глобализации на примере горных условий: проблемы, новые подходы и актуальные исследования», посвящённой 30-летию XVI-й сессии Верховного Совета Республики Таджикистан и 30-летию Хорогского государственного университета им. М.Назаршоева (г.Хорог, 11-12 ноября 2022 г.). – С.96-99.

[10-М] Мавлоназаров М.А. Значения поперечников классов периодических функций в метрике пространства L_2 [Текст] / М.А.Мавлоназаров // Материалы международной конференции «Современные проблемы математики», посвящённой 50-летию Института математики им. А.Джураева Национальная академия наук Таджикистана (г.Душанбе, 26-37 мая 2023 г.). – С.128-131.

[11-М] Мавлоназаров М.А. Среднеквадратические приближения 2π-периодических функций в пространстве L_2 [Текст] / Г.А.Юсупов, М.А.Мавлоназаров // Материалы международной научной-практической конференции «Математика в современном мире» (г.Худжанд, 19-20 апреля 2024 г.). – С.195-199.

АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Мавлоназаров Марамбек Абдулназарович дар мавзуи «Ҳалли масъалаҳои экстремалии наздиккунии беҳтарини функсияҳои даврӣ дар L_2» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 01.01.01 — Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ

Вожаҳои калидӣ: *функсияи даврӣ, фазои гилбертӣ, модули бефосилагӣ, наздиккунии якҷояи беҳтарин, нобаробарии Ҷексон – Стечкин, n-қутрҳо.*

Мақсади кор. Ҳадафи тадқиқот аз ёфтани доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон – Стечкин байни наздиккунии беҳтарин ва модули бефосилагии умумикардашуда, ҳисобкунии қимати n-қутрҳо ва инчунин ҳисоб намудани сарҳади болоии наздиккунии якҷояи беҳтарини баъзе синфи функсияҳо дар фазои L_2 мебошад.

Усулҳои тадқиқот. Дар кори диссертатсионӣ усулҳои нави муосири назарияи аппроксиматсияи дорои мундариҷаи вариатсионӣ дар фазоҳои нормиронидашуда ва усулҳои ҳалли масъалаҳои экстремалии назарияи функсияҳо, ки ба ғояҳои таҳлили функсионалӣ асос ёфтааст, аз ҷумла усули Н.П.Корнейчук, яъне баҳодиҳии болоии наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳо аз руи зерфазои бисёрузваҳои ченакаш додашуда ва усули аз поён баҳодиҳии маҷмуи қутрҳо дар фазоҳои банахӣ, ки аз ҷониби В.М.Тихомиров таҳияшудааст, ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Навигариҳои илмӣ. Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии зерин гирифта шудаанд:

- доимиҳои аниқ дар нобаробариҳои намуди Ҷексон – Стечкин байни наздиккунии беҳтарин ва модули бефосилагии умумикардашуда ёфта шудаанд;
- қимати аниқи n-қутрҳои синфи функсияҳо, ки ба воситаи модули бефосилагии бо вазн миёнакардашудаи тартиби олӣ аз ҳосилаи тартиби r-ум дода мешавад, ҳисоб карда шудааст;
- қимати сарҳади болоии наздиккунии якҷояи беҳтарини баъзе синфи функсияҳо дар фазои L_2 ҳисоб карда шудааст.

Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ. Рисолаи диссертатсионӣ дорои арзишҳои назариявӣ мебошанд. Натичаҳои дар кори диссертатсионӣ ба даст овардашуда ва усулҳои исботи онҳоро дар ҳалли масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои бисёртағйирёбанда ва функсияҳои тағйирёбандаашон комплексӣ, ки ба фазоҳои банахии Бергман ва Ҳардӣ тааллуқ доранд, истифода бурдан мумкин аст.

АННОТАЦИЯ

диссертации Мавлоназарова Марамбека Абдулназаровича на тему «Решение экстремальных задач теории приближений периодических функций в L_2», представленной на соискание учёной степени кандидата физико-математических наук по специальности 01.01.01 — Вещественный, комплексный и функциональный анализ

Ключевые слова: *периодическая функция, гильбертово пространство, модуль непрерывности, наилучшее совместное приближение, неравенство Джексона – Стечкина, n-поперечники.*

Цель работы. Целью исследования является нахождением точных констант в неравенствах типа Джексона – Стечкина между наилучшими приближениями и обобщёнными модулями непрерывности, вычислением значений n-поперечников, а также вычислением верхних граней наилучших совместных приближений некоторых классов функций в пространстве L_2.

Методы исследования. В диссертационной работе широко используются современные методы теории аппроксимации вариационного содержания в нормированных пространствах и методы решения экстремальных задач теории функций, базирующиеся на идеях функционального анализа, а именно метод Н.П.Корнейчука оценки сверху наилучших приближений классов функций подпространством полиномов заданной размерности и разработанная В.М.Тихомировым оценка снизу поперечников множеств в различных банаховых пространствах.

Научная новизна. В диссертации получены следующие результаты:

- найдены точные константы в неравенствах типа Джексона – Стечкина между наилучшими приближениями и обобщёнными модулями непрерывности;
- вычислены значения n-поперечников классов функций, задаваемых усреднёнными с весом значениями модулей непрерывности высших порядков r-ых производных;
- вычислены верхние грани наилучших совместных приближений некоторых классов функций в пространстве L_2.

Теоретическая и практическая ценность. Работа носит теоретический характер. Полученные в диссертационной работе результаты и методы их доказательств можно применять при решении экстремальных задач теории приближения функций многих переменных и функций комплексных переменных, принадлежащих банаховым пространствам Харди и Бергмана.

SUMMARY
of the dissertation of Mavlonazarov Marambek Abdulnazarovich on the topic «Solving extremal problems in the theory of approximation of periodic functions in L_2» submitted for the degree of candidate of physical and mathematical sciences in the specialty 01.01.01 — Real, complex and functional analysis

Key words: *periodic function, Hilbert space, modulus of continuity, best joint approximation, Jackson – Stechkin inequality, n-widths.*

Work objectivs. The purpose of the study is to find exact constants in Jackson – Stechkin type inequalities between the best approximations and generalized moduli of continuity, to calculate the values of n-widths, and also to calculate the upper bounds of the best joint approximations of certain classes of functions in the space L_2.

Research methods. The dissertation work widely uses modern methods of the theory of approximation of variational content in normed spaces and methods for solving extremal problems of function theory, based on the ideas of functional analysis, namely N.P.Korneychuk's method of estimating from above the best approximations of classes of functions by a subspace of polynomials of a given dimension and developed by V. M. Tikhomirov estimate from below the diameters of sets in various Banach spaces.

Scientific novelty. The following results were obtained in the dissertation:

- exact constants were found in Jackson – Stechkin type inequalities between the best approximations and generalized moduli of continuity;
- the values of the n-widths of the classes of functions specified by the values of the moduli of continuity of higher orders of the r-th derivatives averaged with weight were calculated;
- the upper bounds of the best simultaneous approximations of some classes of functions in the L_2 space were calculated.

Theoretical and practical value. The work is theoretical in nature. The results obtained in the dissertation work and the methods of their proof can be used in solving extremal problems in the theory of approximation of functions of many variables and functions of complex variables belonging to Banach Hardy and Bergman spaces.